# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13ᵃ, тел.: 221-46-05,
факс: 221-70-41; www.maorif.tj; E-mail: mort@maorif.tj


№ 07/49)05-157 аз « 18 » 03 соли 2025

Ба ректорон (директорон)-и
муассисаҳои таҳсилоти олии
касбии ҷумҳурӣ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тасмим гирифтааст 17 майи соли 2025 конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалиро дар мавзуи «Масъалаҳои марбут ба забон дар осори безаволи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон» ташкил ва баргузор намояд.

Аз ин рӯ, олимон, омӯзгорон, докторантон ва магистрантони муассиса метавонанд мақолаҳои илмии худро ба кумитаи тадорукот пешниҳод намоянд.

Замима: мактуби иттилоотӣ дар ҳаҷми 2 варақ.

Муовини вазир Лутфия Абдулхолиқзода

*иҷрокунанда: раёсати илм ва инноватсия*
*Ф.Раҳимзода*
*Тел: 227-32-59*

# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 17-уми майи соли 2025, конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои марбут ба забон дар осори безаволи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии ТоҷикистонЭмомалӣ Раҳмон” баргузор мегардад. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ширкатҳои соҳибкорӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конфронс масоили зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:**

1.Забон муҳимтарин унсури бақои миллат дар оинаи рӯзгори гузаштаву ҳозира

2.Омӯзиши сайри таърихии ташаккул ва таҳаввули забони тоҷикӣ ва нақши абармардони миллат дар асари бунёдии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон - “Чеҳраҳои мондагор”

3.Мақоми забони тоҷикӣ дар ташаккул ва такомули хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва ваҳдати миллӣ

4.Нақши забони миллӣ чун воситаи наҷоти миллат дар таълимоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

5.Эҳёи анъанаву суннатҳои миллӣ ва таъсири онҳо дар иршоди таркиби луғавии забон

6.Муносибати забон бо сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳанг

7.Рушди забоншиносии тоҷик дар замони Истиқлол ва нақши Пешвои миллат дар он

8. Дигаргунию таҳаввулоти ҷиддии забон дар ибтидои асри XX

9. Хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ дар инъикоси сабку услуби забони шоиру нависандагон (классикон ва муосирон) ва донишмандон

10.Нақши рӯзномаву маҷаллаҳо дар инкишофу истиқрори калимаву истилоҳоти нав

11.Баъзе мушкилоти истифодаи истилоҳот, аз он ҷумла дар раванди сиёсат, қонунгузорӣ, иқтисодиёт ва дар соҳаҳои дигар

12.Мушкилот дар омӯзиши истилоҳ ва истилоҳсозӣ

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то 08-уми майи соли 2025 мақолаҳои худро ба нишонии электронии Kahhorov66@mail.ru ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба нишонии 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон манзур намоянд.

Забони конфронс: *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан **[2, с.42]**) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp»**, **«jpg»**, **«dwg»**, **«gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

Намуна

Насриддиниён Бобишоҳи Ҳасанпур
дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади
илмҳои филологӣ
E-mail:________________________

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аннататсия: .....

Калидвожаҳо: ...... . . . . .

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......

АДАБИЁТ

1. А
2. Б
3. В

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то 21-уми апрели соли 2025 пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватҳо барои иштирок дар конфронс то 15-уми майи соли 2025 фиристода мешаванд.

Қаҳҳоров Масъуд Маҳмудович (мутасаддӣ) Тел.: (+992 34) 234-85-44, (+992) 934444155.
E-mail: Kahhorov66@mail.ru

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**